# رسالة موجزة إلى ملحد

# Паёми кӯтоҳ ба Худонобовар

## Паёми кӯтоҳ ба Худонобовар

Кумитаи илмии Ҷамъияти хидматрасонии муҳтавои исломӣ бо забонҳои гуногун.

## Паёми кӯтоҳ ба Худонобовар

Кумитаи илмии Ҷамъияти хидматрасонии муҳтавои исломӣ бо забонҳои гуногун.

Мо дар коиноти ҳайратангезе зиндагӣ мекунем, ки қавонини дақиқи он ҳамоҳангии аҷиб ва низоми дақиқи ҳайратовареро ба намоиш мегузорад.

Ҳар қадар инсон дар дарки қавонини коинот амиқтар равад, ҳамон қадар суоли бештар ба миён меояд, ки илми физика барои он ҷавобе надорад: сарчашмаи ин қавонин чист? Ва аслан барои чӣ ба вуҷуд омадаанд?

Ман барои он наменависам, ки посухи омодае дораму пешниҳод мекунам, балки барои дар миён гузоштани пурсиши мантиқие, ки сарфи назар аз заминаи динӣ ё фикрияш, сазовори матраҳ аст, менависам.

Оё мумкин аст, ки қавонин аз ҳеҷ ба вуҷуд оянд? Ё низом бидуни ҳадаф пайдо шавад? Ё шуур аз моддаи беақл ба вуҷуд ояд?

Биёед аз ибтидо, аз возеҳтарин ва ҳамзамон амиқтарин пурсиш оғоз намоем:

Оё ҳеҷ метавонад чизеро биёфарад?

Оё ақлан пазируфтанист, ки ин олами зебову шигифтангез, бо чунин низоми дақиқ ва

ҳамоҳангии комил миёни қонунҳояш, аз ҳеҷ чиз ва бидуни ҳеҷ сабабе ба вуҷуд омада бошад?

Ақли солими инсонӣ инро комилан рад мекунад, зеро мо дар зиндагии худ ҳеҷ чизеро намебинем, ки аз ҳеҷ чиз ба вуҷуд ояд.

Биё бо як суол дар бораи худат андеша кунем: Кӣ туро аз як нутфаи ночизу беарзише офарид ва ба шакли инсони дурусте шунавою бино гардонид?

Кӣ бадани туро бо чунин маҳорати комил офарид ва ба ту чашме барои дидан, гӯше барои шунидан ва ақле барои таҳлилу тафаккур дод?

Кист он ки туро дар шиками модарат, дар ҳоле ки ҳеҷ тавону қудрате надоштӣ, рӯзӣ медод, аз хуни модарат ғизоят медод ва ҳар он чиро, ки барои рушд кардан ва ба дунё омаданат ниёз доштӣ, бароят муҳайё месохт?

Оё ту худат ин корро барои худ анҷом додӣ? Ё табиати гунг онро анҷом дод?

Табиат ақл, ҳадаф ва ирода надорад. Чӣ гуна низоме мураккабтар аз бузургтарин компютерро падид меоварад? Чӣ гуна шуур, идрок ва эҳсосотро меофаринад?

Чӣ гуна табиат метавонад дар қалби модар ба фарзандаш муҳаббати ғаризӣ бинихад? Ё қалби туро аз дидани ситам озурда ва аз дидани адолат шод бисозад?

Кӣ дар мо ин маъниҳои олиро ниҳодааст? Арзишҳо аз куҷо пайдо шудаанд? Виҷдон аз куҷо пайдо шудааст?

Ҳамоно, ҳар чизе, ки дар атрофи туст, ба вуҷуди Офаридгор гувоҳӣ медиҳад.

Ба осмон назар кун: кӣ онро бе сутун барафрошт?

Ба офтоб бингар: кӣ масири дақиқ ва тағйирнопазири онро муқаррар кардааст?

Ба қалби худ бингар: кӣ онро бидуни иҷозати ту, дар тӯли тамоми ҳаётат дар тапиш нигоҳ медорад?

Оё ҳамаи ин тасодуфан пайдо шудааст? Ва оё тасодуф худро миллиардҳо бор бо чунин низом такрор мекунад?

Оё бовар мекунӣ, ки китоби дақиқе монанди қомус ё донишномаи илмӣ дар натиҷаи таркиши як дастгоҳи чоп тасодуфан пайдо шудааст?

Пас чӣ гуна бовар мекунӣ, ки ин ҷаҳони бузург, ки аз ҳама китобҳо азимтар аст, аз як таркиши тасодуфӣ пайдо шудааст?

Ислом туро ба боздоштани ақлат даъват намекунад, балки ба истифодаи он даъват мекунад. Аллоҳ Таъоло дар Қуръон мефармояд:

﴿...أَفِي ٱللَّهِ شَكّٞ فَاطِرِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۖ...﴾

(...Оё дар [ягонагии] Аллоҳ Таъоло – Офаринандаи осмонҳо ва замин тардиде ҳаст?...) (Сураи Иброҳим, ояти 10).

Оё мумкин аст дар вуҷуди Касе, ки ҳама чизро офаридааст, шак кард?

Ӯ мегӯяд:

﴿وَفِي أَنفُسِكُمۡۚ أَفَلَا تُبۡصِرُونَ 21﴾

(Оё дар вуҷуди худатон намеандешед?) (Сураи Зориёт, ояти 21)

Ин даъватест бароят, то дар ҷисму руҳат андеша кунӣ ва далели (вуҷуди Худоро) дар пеши назарат бубинӣ.

Акнун ба Қуръони Карим – охирин китоби илоҳии нозилшуда – назар кун.

Китобе, ки зиёда аз 1400 сол қабл нозил шуда, башариятро ба чолиш кашид, то монанди онро биёваранд, аммо оҷиз монданд.

Китобе, ки ақида, шариат, қиссаҳо, илм ва забонро бо услуби беназир ҷамъ овардааст.

Аз умматҳои нобудшуда, ҳодисаҳои ниҳонӣ ва кашфиёте хабар дод, ки танҳо пас аз қарнҳо ошкор гардиданд. Монанди: пайдоиши ҷанин, ташаккули абрҳо, табақаҳои замин ва гардиши дақиқи сайёраҳо.

Инчунин ба зиндагиномаи Паёмбар Муҳаммад (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) андеша кун: Марде, ки дар биёбони дур аз марказҳои тамаддун ба воя расида, хондану

навиштанро намедонист ва аз ҳеҷ башаре илм наомӯхта буд, аммо бо ин ҳол ба башарият рисолати ҷовидонаеро тақдим намуд, ки ақлҳоро мунаввар сохта, нафсҳоро пок мегардонад ва дар масири таърих таҳаввулоти бузургеро ба вуҷуд меорад.

Бо калимаҳое, ки дар ғоре бар ӯ нозил шуданд, башариятро аз ибодати башару санг ба сӯи тавҳиди Офаридгори коинот ва пойдор сохтани арзишҳои адолату раҳмат ва каромат раҳнамун сохт.

Пас ин чӣ гуна қудратест, ки оламро дигаргун сохт, ба дилҳо роҳ ёфт ва бо гузашти асрҳо садояш ҳамоно баландтар мегардад?

Эй касе, ки ин суханонро мехонӣ: Парвардигорат ба ту ниёз надорад, балки ту ба Ӯ ниёз дорӣ.

Ӯ туро офарид, ризқат медиҳад, нигаҳбониям мекунад ва муҳлатат дод, то тафаккур кунӣ ва ба сӯи Ӯ бозгардӣ.

Ӯ ба ҳеҷ кас зулм намекунад ва ҳар касе содиқона ба сӯи Ӯ бозгардад, ӯро қабул мекунад, гуноҳонашро мебахшад ва бадиҳояшро ба некиҳо табдил медиҳад.

Ман бар шумо чизеро маҷбур намекунам, вале аз шумо хоҳиш мекунам, ки ба қалби худ барои тасдиқи (қудрати Холиқ) фурсате бидиҳед.

Ин ки аз ғазаб ва ғавғои дарунӣ худро раҳо кунӣ ва барои як лаҳза чунин андеша кунӣ:

Агар ман бар хато бошам, чӣ мешавад?

Агар Худое ва зиндагии пас аз марг ва биҳишту дӯзах вуҷуд дошта бошад, пас чӣ?

Оё дар он замон пушаймон хоҳӣ шуд, замоне ки пушаймонӣ суде намебахшад?

Ба сӯи ҳақиқат қадами содиқона бардор ва сафаратро бо Қуръон оғоз кун... Шояд дар он ҷавобҳое, ки ғоиб буданд ва нуреро, ки пазмонаш будӣ, пайдо кунӣ.

Тарҷумаи маънои Қуръони Карим

# Феҳраст

Паёми кӯтоҳ ба Худонобовар.......................................................2
Паёми кӯтоҳ ба Худонобовар.......................................................2

tg438v2.0 - 06/09/2026